**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон номзади илми фалсафа, дотсент**
**_____________ Назар М.А.**
**«_04_» _апрели_ соли 2022**

# ХУЛОСАИ
## шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

«01» _04_ соли 2022 ш. Душанбе

Диссертатсия дар мавзӯи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» аз тарафи унвонҷӯ Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия шудааст.

Болтуева Машҳурахон Ёқубовна аз соли 2007 дар шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Болтуева М.Ё. барои таҳияи диссертатсия аз соли 2015 дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиро оғоз кардааст.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои «Таърих ва фалсафаи илм», «Забони англисӣ» ва ихтисос (12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ) аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст (таҳти № 822 аз 17 – уми майи соли 2021.).

Мавзӯи диссертатсияи унвонҷӯ бо Қарори Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баховаддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон №3408/24-404 аз 26-уми июни соли 2015 тасдиқ шудааст.

Шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институт дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия оид ба мавзуи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» чунин хулоса қабул намуд:

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳким бахшидани самтҳои мухталифи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа ба даст даровaрда мешавад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, агар ҳадафи олии рушди дарозмӯҳлати Тоҷикистон - баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар муайян гардида бошад, ноил гардидан ба ин ҳадафи олӣ инчунин бо роҳи ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, таҷҳизоту барномаҳои таъминотии он ва таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқии ин объектҳо дар қаламрави кишвар дастрас шуда метавонад .

Истифодаи васеи барномаҳои компютерӣ ва дигар маводҳои барномавӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти одамон унсурҳои фарққунандаи марҳалаи нави рушди иҷтимоие маҳсуб меёбад, ки нишонаи асосии он бо нақши ҳалкунандаи дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар соҳаи технологияҳои ахборотӣ ва коммуникатсионӣ маънидод карда мешавад.

Яке аз самтҳои афзалиятнок ва мунтазам рушдёбандаи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо технологияи ахборотӣ маҳсуб ёфта, ба он барномаҳои компютерӣ низ дохил мешавад. Аҳаммияти рушди техникӣ ва ҷорӣ намудани дастовардҳо ва ихтироoти навин дар истеҳсолот дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид гардидааст. Аз ҷумла дар Паёми сарвари кишвар аз 26 декабри соли 2018 ба Маҷлиси Олӣ дар ин хусус чунин омадааст: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад» .

Аҳаммият ва рушди босуръати таъминоти барномавӣ, дохил шудани он қариб ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро баҳо додан мушкил мебошад. Бинобар ин муайян намудан ва ҷорӣ сохтани механизми дурусту самараноки ҳифзи ҳуқуқии таъминоти барномавӣ гарави татбиқи муваффақонаи мақсаду вазифаҳои давлат дар соҳаи инноватсия ва ҳуқуқҳои субъективии граждании иштирокчиёни муомилоти гражданӣ маҳсуб меёбад.

Имрӯзҳо барномаҳои компютерӣ ба таври қавӣ ба ҳаёти харрӯза ворид гардидааст. Бо баробари тараққиёти сатҳи технология барномаҳои компютерӣ низ инкишоф ёфта, имконият фароҳам оварда мешавад, ки сатҳи мазкур дар ҳаёт татбиқ шавад. Барномаҳо низ ҳамчун технологияҳо боз ҳам мураккаб ва тараққиёфта гардида истодаанд. Миқдори заминаҳои татбиқшаванда, имконоти амалишавӣ, усулҳои коркардӣ ва интишори онҳо пайваста меафзояд.

Дар айни замон тарафи ҳуқуқии раванди мазкур низ торафт мубрам шуда истодааст. Бояд ишора намуд, ки масъалаи аҳаммиятнокии эътироф ва дар доираи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани объектҳои нави ҳуқуқи гражданӣ, ки ба он барномаҳои компютерӣ ва дигар дастовардҳои неъматҳои ғайримоддӣ дохил мешаванд, дар Консепсияи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2014 пешбинӣ гардидааст. Дар он омадааст, ки доираи объектҳои хуқуқи гражданӣ бо дарназардошти рушди илму техника бояд васеъ карда шаванд.

Шахси ба ҷараёни истифодабарии барномаҳои компютерӣ ҷалб шуда ногузир бо категорияҳои мухталифи хуқуқӣ бармехӯрад. Ҳар шахси ба истифодабарӣ ва инчунин бо сохтани барномаҳои компютерӣ сарукордор мегардад, бо масъалаи ҳифз, истифодабарии қонунӣ ва дурусти барномаҳои компютерӣ, ба даст даровардани фоида аз фурӯши нусхаҳои он ва бисёр дигар масъалаҳо, бархурдор мешавад. Мутаассифона, ҳангоми муроҷиат намудан ба қонунгузорӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба масъалаҳои ишора гардида дар доираи санадҳои меъёрӣ-хуқуқӣ қайди худро ба пуррагӣ наёфтааст. Дар ин радиф, танзими ҳаматарафаи масъалаи мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки боз аҳаммияти амалиро доро буда, он таъсири худро аз ҷумла ба иқтисодиёт мерасонад.

Аз ин рӯ, аҳаммияти таҳлили шакли амалкунандаи ҳифзи барномаи компютерӣ, ошкор намудани душвориҳову муаммоҳои мавҷуда, имконияти татбиқи шаклҳои гуногун ва тарзҳои ҳифзи ҳуқуқии барномаҳо бо дарназардошти дурнамо ва имтиёзоти тавассути омилҳои иқтисодию сиёсӣ фароҳамомада афзуда, роҳҳои интихобу татбиқи онҳо ба вуҷуд меояд. Муносибати оқилона ба масъалаҳои мазкур бодарназардошти тамоми зуҳурёбии амиқи барномаҳои компютерӣ, ба бисёр соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию иқтисодӣ таъсири ҷиддӣ расонида, ба дигаргуниҳои мусбат оварда мерасонад.

Барномаи компютерӣ асоси фаъолияти компютер ва ҳатто тамоми низоми интернети дониста мешавад. Лекин асоси назариявии барномаи

компютерӣ дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ ба пуррагӣ коркард нагардидааст.

Нуктаҳои зикршуда мубрамияти масъалаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро асоснок менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқотхои ба масъалаи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ бахшида шуда аз он лаҳзае гузаронида мешаванд, ки мошини электронии ҳисоббарор ихтироъ гардида, барои он барномаҳои дахлдор коркард шудааст. Байни олимони ба масъалаи эълонгардида таваҷҷуҳнамуда, бояд И.Э. Мафиома, А.Б. Гелба, Л.И. Подшибихин, Э.П. Гаврилова ва дигаронро номбар намуд. Ба муаммо ва ҷанбаҳои гуногуни масъалаи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳои олимон: А.П. Сергеев, В.А. Дозортсев, И.А. Близнетс, В.И. Еременко, Ф.В. Широков, Г.В. Виталиев, Ю.Т. Гулбин, Д.В. Огородов, С.О. Расторгуев, А.С. Кондушенко, А.А. Киржановский, К.Б. Леонтев, Н.А. Шамхалов ва дигарон бахшида шудааст. Гарчанде, ки фарогирии илмии масъалаи қайдшуда мавҷуд бошад ҳам, лекин аксарияти таҳқиқотҳои илмии даҳсолаи охир бештар хусусияти умумӣ дошта, масъалаи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютериро таҳқиқ намоянд ҳам, таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои хусусиятноки соҳа ба пуррагӣ дода нашудааст, баъзе аз асарҳо ба масъалаҳои маҳдуди ҳуқуқӣ бахшида шуда, на ҳама вақт муаммои дахлдорро ба таври комплексӣ дида набаромадааст ва ё ба масъалаҳои соф дар доираи шакли маъмули ҳимояро фаро гирифта, ташаккулёбии соҳаро ба инобат намегиранд.

Ба доираи рисолаҳои илмии барои ҳадафҳои диссертатсияи мазкур аҳаммиятдошта, таҳқиқотҳои илмии С.Н. Биков , И.А. Зенин , Т.Л. Носова, О.В. Ревинский, Р.И. Ситдикова, В.В. Черячурин, Н.Ю. Моченов, Р.А.Евдокимов инчунин олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди: Ш.М. Менглиев, Р.Б. Бозоров, М.А. Маҳмудзода , М.З. Раҳимзода, Ш.К. Ғаюров, А. Абдуҷалилов, У.А. Меликов, Ш.Т. Тағойназаров, А.В. Золотухин, Ҷ.С.Муртазозода, Д.С. Раҳмон, Д.Ш. Сангинов ва дигарон дохил мешавад. Лекин дар натиҷаи рушди соҳа, инчунин бинобар ворид гардидани тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ, таҳқиқотҳои қайдгардида қисман мубрамияти худро гум кардааст. Ҳамчун таҳқиқоти аҳаммиятноки давраи муосир асарҳои О.В. Ревинский дорад, ки ба хусусиятҳои муносибатҳои мутақобилаи барномаи компютерӣ ва ҳуқуқи патентӣ, инчунин қисмати рисолаҳои илмии Р.И. Ситдиковро номбар намудан мумкин мебошад, зеро он масъалаи мувофиқакунонии меъёрҳои ҳуқуқи

байналмилалиро доир ба ҳифзи барномаҳои компютерӣ, истифодабарии самараноки онро ба инобат гирифтааст; А.И. Савелев хусусиятҳои литсензиякунонии барномаҳои компютерӣ; масъалаҳои истилоҳҳои ҳуқуқӣ, равандҳои нави соҳаи мазкур дар рисолаҳои илмии Е.А. Войникайнис, С.Н. Биков, К.И. Рябов, А. Абдуҷалилов инчунин дигар олимони соҳа дида баромада шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Рисола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якумин кори маҷмуии монографие мебошад, ки ба масъалаҳои муҳимтарини барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи граждании бахшида шудааст. Дар кори илмии мазкур масъалаҳои танзими ҳуқуқии барномаи компютерӣ ба таври комплексӣ дида баромада шудааст. Аз ин рӯ навгонии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки:

1. Муаммоҳои мавҷудаи танзими ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютерӣ ва истифодаи чунин барномаҳо ошкору муназзам карда шуданд (дар соҳаи қонунгузорӣ ва амалия) роҳҳои ислоҳи онҳо пешниҳод гардиданд;

2. Шаклу тарзҳои хосаи ҳифзи ҳуқуқи барномаҳои компютерӣ ошкор карда шуданд, бартариву махсусиятҳои татбиқи шаклу тарзҳои мушаххаси ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагӣ ошкор ва асоснок карда шуданд ва ғайра.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** барои ба даст овардани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия баён гардидааст, аз тарафи муаллиф муайян намудани мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, коркарди сохтори диссертатсия, гузаронидани таҳлили ҳаматарафа, ки имконият додаанд, ки оид ба муаммоҳои барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ ошкор карда шаванд, тасдиқ мегардад.

Аз ҷониби муаллиф дар рафти таҳқиқ маълумотҳои муҳим дар асоси сарчашмаҳои монографӣ, таълимӣ ва таълимӣ-методӣ ба даст оварда шудаанд. Ғояҳо ва нуқтаи назарҳои баёншуда нисбати тарафҳои гуногуни муаммои баррасишаванда омӯхта ва таҳлил гардидаанд; Мавқеи муаллиф оид ба масъалаҳои мавзуи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ ба тасвият расидаанд; дар асоси натиҷаҳои бадаст овардашуда тавсияҳои амалӣ кор кардашуда баромада шудаанд, ки барои такмили минбаъдаи истифодаи барномаҳои компютерӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқии он равона карда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки нуктаҳои назариявӣ ва хулосаҳои он метавонанд истифода шаванд: барои такмил додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи

ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ; ҳангоми коркарди асноди зерқонунии меъёрии ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютерӣ; дар раванди таълим зимни таҳияи лексия дар макотиби олӣ ва дар низоми такмили ихтисос; ҳангоми таҳқиқоти илмии соҳаи мазкур.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот бо муқаррароти назариявии аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашуда тасдиқ мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар соҳаи таҳқиқшаванда ба даст оварда шудаанд. Ҳамаи муқаррароти илмӣ ва хулосаҳо бо истифодаи методҳои системавӣ-сохторӣ, системавӣ-вазифавӣ, ҳамчунин тарзҳои махсуси илмӣ расмӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, техникӣ-ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Рисола дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардида борҳо дар ҷаласаҳои шуъба муҳокима карда шудааст. Хулосаҳои асосӣ ва муқаррароти асосии назариявӣ, тавсияҳои илмӣ-амалӣ аз ҷониби муаллиф дар мақолаҳои чопшуда, дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинар ва мизҳои мудаввар баён гардидаанд. Аз ҷумла:

Мазмун ва муҳтавои асосии нуктаҳои диссертатсия дар як катор мақолаҳои илмӣ чоп шудааст. Мухтавои асосии диссертатсия инчунин дар мақолаҳои илмӣ чоп гардида, дар шакли маърӯзаҳо ва баромадҳо:

- дар конференсияи анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ доир ба мавзӯи «Нақши илм дар ташаккули давлати миллӣ» бахшида шуда бо мақолаи « Оид ба масъалаи институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Хуҷанд, 21-24 апрели 2015 с.);

- дар конференсияи анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ доир ба мавзӯи «Туризм ва хунарҳои мардумӣ ҳамчун муаррификунандаи маданияти миллӣ» бо мақолаи «К вопросу становления авторско-правовой охраны компьютерной программы» (Хуҷанд, 22-25 апрели 2018 с.);

- дар конференсияи байналмилалии «Муаммоҳои актуалии илми ҳуқуқшиносӣ ва роҳҳои ҳалли он: назария ва амалия бо мақолаи «К вопросу формирования понятийного аппарата категории компьютерной программы в законодательстве Республики Таджикистан» (Хуҷанд, 23-25 апрели 2019с.);

- дар конференсияи анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ, ки ба соли 2019-2021, солҳои рушди туризм ва ҳунарҳои мардумӣ бахшида

шудааст бо мақолаи «К вопросу авторско-правовой охраны компьютерной программы» (Хуҷанд, 22 -25 апрели 2019с.);

- дар конференсияи илмию амалии анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони "Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ" бо мақолаи «Ҳифзи ҳуқуқӣ-патентии барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» (Хуҷанд, 22-25 апрели соли 2020);

- дар конференсияи илмӣ-амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллӣ», бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик бо мақолаи "Мавқеи барномаи компютерӣ дар байни объектони ҳуқуқи гражданӣ" (21-24 апрели соли 2021);

- дар конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Ҳамгироии илм ва истеҳсолот баҳри татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ», бахшида ба эълон гаштани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва Рӯзи илми тоҷик бо мақолаи Мафҳуми низоми воситаҳои ҳифзи гражданӣ-ҳуқуқии барномаи компютерӣ (21-25 апрели соли 2022);

- дар конференсияи ҷумҳуриявии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ таҳти унвони Методологияи батанзимдарории муносибатҳои нави ҷамъиятӣ: назария ва амалия бо мақолаи Масъалаҳои методологии барномаи компютерӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ (17-уми июни соли 2022) баромад намудааст.

Доир ба мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ чоп гардидааст, ки мундариҷаи муаммои рисоларо фаро мегирад ва аз он 5 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 мақолаҳо бошад дар маҷалла ва маҷмуаҳои дигар чоп шудаанд.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп шудаанд:**

1. Болтуева М.Ё. К вопросу правовой природы категории «Компьютерная программа» [Текст] / М.Ё. Болтуева // Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Ахбори ДДҲБСТ». Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - Хуҷанд, 2018. - №2 (75). - С. 113-120.

2. Болтуева М.Ё. Развитие законодательства в сфере компьютерных программ и применение отдельных способов правовой охраны в Республике Таджикистан [Текст] / М.Ё. Болтуева // Маҷаллаи Академии Ҳуқуқ. – Душанбе, 2019. -№4 (32). - С. 177-181.

3. Болтуева М.Ё. Оид ба масъалаи табиати ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи-муаллифии барномаҳои компютерӣ дар давраи муосир [Матн] / М.Ё. Болтуева // Маҷаллаи Академии Ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. - №4.-С. 91-96.

4. Болтуева М.Ё. К вопросу становления законодательства об охране компьютерных программ [Текст] / М.Ё. Болтуева // Маҷаллаи Академии Ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. - №1.-С. 110-116

5. Абдуҷалилов А., Болтуева М.Ё. Назаре ба масъалаи патентпазирии барномаҳои компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А. Абдуҷалилов, М.Ё. Болтуева // Маҷаллаи Академии Ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. - №2.- С. 127-130

**Мақолаҳои илмӣ ва оммавие, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

6. Болтуева М.Ё. Оид ба масъалаи институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Ё. Болтуева // Маводҳои конференсияи илмию амалии анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони “Нақши илм дар ташаккули давлатдории миллӣ” (бахши ҳуқуқшиносӣ) (Хуҷанд, 2015). - Хуҷанд, -Дабир, 2016. - С. 87-95.

7. Болтуева М.Ё. К вопросу становления авторско-правовой охраны компьютерной программы [Текст] / М.Ё. Болтуева // Маводҳои конференсияи илмию амалии анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ муаррифгари фарҳанги мардумӣ. (Хуҷанд, 3-5 майи соли 2018),-Хуҷанд, 2018,-Меъроҷ, -С. 109-112.

8. Болтуева М.Ё. К вопросу формирования понятийного аппарата категории компьютерной программы в законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / М.Ё. Болтуева // Маводҳои конференсияи байналмилалӣ «Масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия». (Хуҷанд, 29-30 ноябри соли 2018), - Хуҷанд, 2019. – Ношир. - С. 52-56.

9. Болтуева М.Ё. К вопросу авторско-правовой охраны компьтерной программы [Текст] / М.Ё. Болтуева // Маводҳои конференсияи илмию амалии анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ бахшида ба эълон гаштани солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таҳти унвони “Илм ва инноватсия баҳри иҷрои ҳадафҳои миллӣ” (Хуҷанд, 29-30 апрели соли 2019) -Хуҷанд, 2019 - “Дабир”. - С.227-231.

10. Болтуева М.Ё. Ҳифзи ҳуқуқӣ-патентии барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи граждании [Матн] / М.Ё. Болтуева // Маводҳои конференсияи илмию амалии анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони “Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии

иқтисодиёти рақамӣ” (Хуҷанд, 22-25 апрели соли 2020), Хуҷанд, 2020,- Дабир. - С.102-106.

11. Болтуева М.Ё. Мавқеи барномаи компютерӣ дар байни объектони ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / М.Ё. Болтуева // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллӣ», бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик (21-24 апрели соли 2021). - Хуҷанд, 2021,- Дабир. –С.144-150.

12. Болтуева М.Ё. Мафҳуми низоми воситаҳои ҳифзи гражданӣ-ҳуқуқии барномаи компютерӣ [Матн] / М.Ё. Болтуева // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Ҳамгироии илм ва истеҳсолот бахри татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ», бахшида ба эълон гаштани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва Рӯзи илми тоҷик (21-25 апрели соли 2022).- Хуҷанд, 2022.- С. 95-99.

13. Болтуева М.Ё. Масъалаҳои методологии барномаи компютерӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ [Матн] / М.Ё. Болтуева // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ таҳти унвони Методологияи батанзимдарории муносибатҳои нави ҷамъиятӣ: назария ва амалия (17-уми июни соли 2022). - Душанбе, 2022,- С. 52-57.

Мақолаҳои интишорнамудаи унвонҷӯ дар умум тамоми ҷанбаҳои таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро доир ба мавзуи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ гузаронидашударо дар бар мегирад.

Рисолаи диссертатсионии Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзуи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» бо ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори илмии қонунӣ буда, дар умум таҳқиқоти диссертатсионии Болтуева Машҳурахон Ёқубовна ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд. Диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзуи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 –

ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба экспертизаи навбатӣ ба Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Ба овоз монда мешавад, «тарафдор 6 нафар», «зид-нест», «бетараф-нест», хулоса якдилона қабул карда шуд. Асос Протоколи ҷаласа №2 аз «1-уми апрели соли 2022" мебошад.

Раиси Ҷаласа:
Академики Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор М.Маҳмудзода

Котиби ҷаласа:
Лаборанти калони шӯъбаи ҳуқуқи хусусӣ К. Раҳимова

Имзоҳои М.Маҳмудзода ва К.Раҳимова-ро тасдиқ мекунам:

Нозири калони шӯъбаи кадрҳои ИФСҲ-и АМИТ Х. Шозедов

01.04.22.